УДК- 338.436.33(575.3)
ВВК -65.9(5Г) 325.1
А-75

# РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА САҲМИ СОҲАИ ПАХТАКОРӢ ( ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ СУҒД)

***Раҳимов Абдулатиф Маджидович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори ДДҲБСТ*
***Арабова Райхона Ғайратҷоновна** - унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории ДИС ДДТТ;*

# РАЗВИТИЕ АГРАРНОГО СЕКТОРА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ВКЛАД СЕКТОРА ХЛОПКОВОДСТВА (НА ПРИМЕРЕ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ)

***Рахимов Абдулатиф Маджидович** – доктор экономических наук, профессор, ТГУБП*
***Арабова Р. Г.** соискатель кафедры экономики и предпринимательства ИЭТ ТГУК;*

# THE DEVELOPMENT OF AGRICULTURAL SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE CONTRIBUTION OF COTTON GROWING SECTORS (ON THE EXAMPLE OF SUGHD REGION)

***Rahimov Abdulatif** – Professor of TSU BLP,*
***Arabova Raihona** - the Applicant of the Department of Economics and Entrepreneurship of the IET TSUC*

***Вожаҳои калидӣ** : рушди устувори иқтисодӣ , омилҳои рушд, соҳаи кишоварзӣ , пахтакорӣ, амнияти озуқаворӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, рақамикунонӣ.*

*Дар мақолаи мазкур муаммоҳои вазъи кунунии соҳаи кишоварзии пахтакорӣ ва рушди он дар вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор гирифта, таҳия шудаанд.Ба ғайр аз он, дар мақола самтҳо ва ҳадафҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳаи пахтакорӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, ки ин дар амнияти озуқаворecho мамлакат такони ҷиддие хоҳад гузошт.*
*Ҳамзамон дар мақолаи мазкур оиди рушди устувори иқтисодӣ дар соҳаи пахтакорӣ таи солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ факту рақамҳо таҳлил ёфта, оид ба баланд шудани ММД ва даромади аҳолӣ маълумотҳои мушаххас дода шудаанд.*

***Ключевые слова:** устойчивое экономическое развитие, факторы развития, сельское хозяйство, хлопок, продовольственная безопасность, экономическая реформа, цифровизация.*

*В данной статье анализируются и развиваются проблемы современного состояния хлопководства и его развития в Согдийской области Кроме того, в статье исследуются приоритетные направления и цели дальнейшего развития хлопковой отрасли, что придаст серьезный импульс продовольственной безопасности страны. Вместе с тем, в данной статье проанализировано стабильное экономическое развитие в сфере производства хлопка за годы независимости республики, даны конкретные сведения о росте ВВП и доходов населения.*

***Key words:** sustainable economic development, development factors, agriculture, cotton, food security, economic reform, digitalization*

*This article analyzes and develops the problems of the current state of cotton growing and its development in Sughd region. In addition, the article explores the priority areas and goals for the further development of the cotton industry, which will give a serious impetus to the country's food security.At the same time, this article analyzes the stable economic development in the field of cotton production over the years of independence of the republic and provides specific information on the growth of GDP and incomes of the population.*

Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт яке аз соҳаҳои хоҷагии халқ соҳаи кишоварзӣ , хусусан пахтакорӣ омили асосии рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, вай метавонад барои ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷети давлатӣ саҳмгузор бошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ироаи паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021 оиди бурду бохти соҳа суханронӣ намуда қайд кардаанд:

"Дар кишвар 54 ҳазор гектар заминҳои нав обёрӣ гардида, ҳамзамон , ҳар сол дар майдони қариб 200 ҳазор гектар замини обӣ кишти такрории зироатҳо амалӣ шуда истодааст.Дар натиҷа дар замони истиқлолият маданияти истифодабарии замин куллан беҳтар гардида, аз як қитъаи замини обӣ гирифтани 2–3 ҳосил ба ҳукми анъана даромад, ки барои ба маротиб зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат карда истодааст.Бо ҳамин роҳ афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъмингардида, аз 11 миллиард исоли 1992 ба 40 миллиард сомонӣ дар соли 2021 расонида шуд, яъне қариб 4 баробар афзоиш ёфт.

Бояд гуфт, ки имрӯзҳо зиёда аз 90 фоизи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба бахши хусусӣ рост меояд.Ин нишондиҳанда аз саҳми бузурги кишоварзони мамлакат дар раванди расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ–ҳифзи амнияти озуқаворecheии кишвар, махсусан, дар шароити ду соли охир пайиҳам омадани хушксоливу камобӣ гувоҳӣ медиҳад.Маҳз ба шарофати заҳмати онҳо фаровонии бозори истеъмолӣ таъмин гардид ва мардуми мо аз ҷиҳати таъминот бо маводи озуқа танқисӣ накашиданд" . [4]

Соҳаи кишоварзӣ , ки яке аз соҳаҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, аз ҷумлаи соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ буда, таъмини амнияти озуқаворecheии мамлакат ва беҳтар намудани вазъи иқтисодии мардум аз дараҷаи рушди ин соҳа вобастагии калон дорад. Дар солҳои охир дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ислоҳоти зарурӣ амалӣ карда шуда истодаанд, ки мақсади асосии он, таъсиси ҷойҳои нави корӣ , баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва ба содирот нигаронидани он ва дар ин замина таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад.

Олимон қайд мекунанд, ки хоҷагии қишлоқ наздик 90% талаботи одамонро бо хӯрока ва пӯшока таъмин менамояд.

Ин гуфтаҳоро мо барои амалӣ гардонидани ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ баръалло мушоҳида менамоем .

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳри баланд бардоштани маданияти заминдорӣ ва истифодаи самараноку оқилонаи замин, ҳуқуқи истифодаи якумраи замин, ҳамчунин ба мерос мондани онро амалӣ менамояд.

Баъди Соҳибистиқлол гардидани ҷумҳурӣ дар мамлакат ислоҳоти иқтисодӣ оғоз гардид. Дар асоси қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон"Оид ба таҷдиди замин" соли 1993 марҳилаи қисман тақсимнамудани заминҳои минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ оғоз гардид.Солҳои 1995 - 1996 бо фармони Президент 75 ҳазор гектар замин барои истифода ба аҳолии деҳот тақсим карда шуд, ки ин барои таъмини аҳолӣ бо озуқа хеле мусоидат кард.

Ҳамзамон бо мақсади амалӣ гардидани сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳо , оқилона ҷойгир сохтани истеҳсолоти кишоварзӣ, беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо озуқа ва бо ашёи хом таъмин намудани саноати коркарди маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон аз 26 декабри соли 2008 "Консепсияи аграрии ҶумҳурииТоҷикистон" - ро қабул намуд.

Пахтакорӣ яке аз соҳаҳои зарурии хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб рафта, дар рушди соҳаи кишоварзии мамлакат нақши калидӣ дорад.

Пахта яке аз растаниҳои дастпарвари хеле меҳнатталаб мебошад. Барои парвариш ва ҷамъоварии ҳосили он зиёда аз 70 раванди механикунонидашуда истифода бурда мешавад.Барои ҳосили дилхоҳро ба даст овардан бояд ба навъҳои зироат, сифати тухмӣ аҳамияти аввалиндараҷа бояд дод. Мақсади асосӣ аз замин руёнидани ҳосили зиёд ва босифат аст.

Вобаста ба ин дар ҷумҳурӣ як қатор барномаҳо қабул шуда истодаанд.ки дар рушди соҳаи мазкур такони ҷиддие хоҳанд гузошт.

Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 барномаи амали миёнамӯҳлат буда , бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии зироатхои кишоварзӣ  аз он чумла сохаи пахтакорӣ ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот аз навъҳои баландҳосил, амалӣ мегардад. Тухмипарварӣ яке аз самтҳои муҳимтарини соҳаи кишоварзӣ ба шумор рафта , дар истеҳсолоти кишоварзӣ мавқеъи асосиро ишғол менамояд. Зиёд намудани масоҳати кишти зироатҳои ибтидоии кишоварзӣ , истифодаи тухмиҳои сертификатшуда дар хоҷагиҳо  ба баланд шудани ҳосилнокӣ ва зиёд гардидани истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ  аз ҷумла пахтакорӣ мусоидат менамояд .

Тибқи маълумоти оморӣ дар ҷумҳурӣ соли 2021 бо сабабҳои гуногун майдони 18956 гектар заминҳои обёришаванда бо кишт фаро гирифта нашуда, майдони 18283 гектар заминҳои обёришаванда ба ҳолати партов табдил ёфта, аз гардиши кишоварзӣ берун монда буданд.

Ба рушди бахши кишоварзӣ дар сохаи пахтакорӣ якчанд омилҳои ба ҳам алоқаманд таъсир  мерасонанд;

**- дастгирии давлат оиди рушди соҳаи пахтакорӣ.**Дар ин самт ҳаминро бояд қайд кард, ки барои рушди соҳаи кишоварзии мамлакат, махсусан соҳаи пахтакорӣ  дастгирии давлат зарур аст.. Қариб дар ҳама кишварҳо, ин соҳаи иқтисод ба субсидияҳо ниёз дорад ва имкон медиҳад, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ  нобаробарии  нархи маҳсулоти кишоварзӣ бартараф карда шавад. Барои азхудкунии технологияҳои нав ва хариди таҷҳизот маблағ лозим аст.

**- истифодаи технологияхои инноватсионӣ.** Баробари афзудани теъдоди хоҷагиҳои инфиродӣ масъалаҳои таъминот бо техникаи кишоварзӣ ва ҳифзи бехатарии зироатҳо аҳамияти аввалиндараҷа пайдо менамояд.

**- мутахассисони сохибкасб.**Дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ  дар соҳаи кишоварзии малакат  низ мутахассисони соҳа нақши асосиро иҷро менамояд. Пешбурди соҳа маҳз аз аз таҷрибаву корбарӣ  ва  кордонии мутахассисони соҳа вобастагии зич дорад.

**- истифодаи окилонаи замин** .Барои беҳтар намудани ҳолати мелеоративии заминҳо, тавассути таъмиру тармими пойгоҳҳои обкашӣ, тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишоварзӣ ва омода намудани инфрасохтори соҳа ба фаъолияти мунтазам аз буҷети вилоят маблағҳои зиёд равона карда шудааст.

Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон”дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки 18 мартисоли  2022 қабул гардид, асосҳои ташкилӣ ,ҳуқуқӣ ва иқтисодии дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатиро муайян намуда, ба танзим ва идоракунии он равона гардидааст.

Қабули Қонуни мазкур айни муддао буда, такони ҷиддие ба пешрафт ва тараққиёти соҳаи аграрӣ - пахтакорӣ дар Тоҷикистон мегардад, ки ин ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ, устувории бозори маҳсулот ва ташаккули низоми соҳибкории пурмаҳсули кишоварзӣ, дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ мусоидат мекунад. Бо дар назардошти рушди ояндаи соҳаи пахтакорӣ соли 2009 “Барномаи рушди соҳаи пахтакорӣ барои солҳои 2010- 2014” таҳия кардашуда аз тарафи ҲукуматиҶумҳурииТоҷикистоназ 31  октябри соли 2009  қабул  кардашуда буд..

Тоҷикистон се ҳуҷҷати стратегии марбут ба ноилгардӣ ба Хадафҳои рушди устуворро қабул намудааст. Инҳо «Стратегияи миллии рушди  Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои давраи то соли 2030» ва  «Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶумҳурииТоҷикистон барои давраи солҳои 2016- 2020», «Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои  2017-2023» мебошанд, ки ҳамчун меъёрҳо ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, иҷрои ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистонро оиди баланд бардоштани сатҳи зиндагии    мардуми кишвар, ба риояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ воситаи муҳим қарор дода, ҷиҳати иҷрои ҳадафҳоии стратегӣ – таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, саноатикунонии босуръати кишвар, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари

транзитӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, инчунин вусъат додани шуғли пурмаҳсул ҳамаи захираву имкониятҳо ба ҳисоб меравандд.

Баҳри таъмини дастрасии хоҷагиҳои деҳқонӣ(вилояти Суғд) ба захираҳои моддию техникӣ 81 мағозаи фурӯши тухмиҳо, 106 мағозаи қисмҳои эҳтиётӣ, 46 мағозаи фурӯши ниҳолҳо ва 74 мағозаи фурӯши нуриҳои минералӣ амал мекунанд. Ҳамзамон, дар вилоят 107 нуқтаи маслиҳатдиҳӣ ба кишоварзон хизмат мерасонад.

Дар самти ислоҳоти соҳаи обрасонӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, дар вилоят наздик 241 Ассотсиатсияи истифодабарандагони об фаъолият бурда истодаанд, ки дар танзими системаи обрасонӣ ва таъминоти бонизоми заминҳои кишоварзии вилоят бо об нақши муҳим доранд.

Омили асосии истеҳсолот дар ин соҳаи иқтисодӣ захираҳои замин мебошанд. Мавҷудияти минтақаҳои васеи барои кишоварзӣ ва чорводорӣ мувофиқ рақобатпазирии кишоварзии кишварро дар бозори ҷаҳонӣ меафзояд.

Бояд қайд кард, ки соли 2020 барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 5496 гектар замин ба маблағи 5093,0 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, барои ин мақсад дар 11 моҳи соли 2020 3190,8 ҳазор сомонӣ маблағ равона гардида, ҳолати мелиоративии 4743 гектар замин беҳтар карда шуд. Бо мақсади роҳандозӣ намудани таъминоти мунтазами оби полезӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, ки омили муҳими баланд бардоштани боздеҳи замин мебошад, тадбирҳо андешида, аз ҳисоби буҷети вилоят барои ба мавсими киштукор омода намудани пойгоҳҳои обкашӣ 4,2 млн. сомонӣ, аз ҷумла ба шаҳруноҳияҳои Зафаробод 1,9 млн. сомонӣ, Ашт 1,0 млн. сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров 500,0 ҳазорсомонӣ, Ҷаббор Расулов 300,0 ҳазорсомонӣ, Мастчоҳ 300,0 ҳазорсомонӣ ва барои корҳои лоиҳавӣ дар мавзеи Рухак 200,0 ҳазор сомонӣ маблағ равона карда шуд.

Дар соли 2021 содироти нахи пахта нисбати соли пешин 4518 тонна коҳиш ёфта бошад ҳам, аз ҳисоби 51,8 фоиз боло рафтани нархи бозори ҷаҳонӣ маблағи аз ин ҳисоб воридшуда 15,2 млн. доллари ИМА афзоишёфта, ҳамагӣ 30674 тонна нахи пахта ба маблағ**и** 62,4 млн. доллар содирот шудааст. Дар натиҷаи самаранок истифода бурдани омилхои рушд пахтакорони вилояти Суғд ба чунин натиҷахо сохиб гардиданд.

Дар вилояти Суғд нисбати рушди соҳаи пахтакорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, дар 11 моҳи соли 2021 ҷамъоварии пахта бо вазни кондитсионӣ 112738,3 тонна ба ҳисоб гирифта шудааст, ки баробари 101,4 фоизи нишондиҳандаи ҳамин давраи соли қаблӣ буда, дар соли 2022 дурнамои истеҳсоли пахта дар ҳаҷми 133800 тонна пешбинӣ гардида, бо вазни физикӣ 13395,0 тонна пахта ҷамъоварӣ шудааст, ки баробари 100,1 фоизи нақшаи дурнамо буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19336,4 тонна зиёд мебошад.

Дар вилояти Суғд 8 корхонаи коркарди нахи пахта, аз ҷумла, ҶДММ“Ангубин” (ҶСП«Олимтекстайл»), ҶДММ«Спитамен текстайл», ҶДММ «Нику Хуҷанд», ҶДММ «Ҷавонӣ», ҶСП «Сатн», ҶДММ «Нассоҷи Хуҷанд», ҶДММ «Органик Ян» ва ҶСП «Сомон гурӯҳ»бо иқтидори солонаи коркарди 38,5 ҳазор тонна нахи пахта мавҷуд мебошанд. [1]

Қайд кардан бамаврид аст, ки фаъолияти ҶДММ «Ҷавонӣ», ҶДММ «Нассоҷи Хуҷанд» ва ҶСП «Сатн» силсилаи пурраи коркарди нахи пахтаро дар бар мегирад.

Дар 6 соли охир дар натиҷаи санҷиши расмии давлатӣ 15 навъи пахтаи ватанӣ ва хориҷӣ минтақабоб гардонида шуд, ки аз онхо 2 навъи пахтаи махиннах (“748-В”, “Авесто”), 13 навъи пахтаи миёнанах (“Зироаткор-64”, “Зарафшон-1”, “Неъмат”, “20-солагии Истиклол”, “Ориёи”, “Шарора-1020”, “Дусти-ИЗ”, “Б-70”, “Лочин”, “Хулбук”, “Точикистон”, “Хатлон-2011” ва “Флора”) дар истехсолот васеъ чорӣ шуда, дар хочагихо хосили дилхох дода истодаанд. Вале тухмипарварии ин навъхои пахта ва афзоиши тухмихо дар хочагихои тухмипарварӣ ба тариқи бояду шояд барох монда нашудааст.

Дар чумхури 39 хочагии махсусгардонидашудаи тухмипарварӣ оид ба истехсоли тухмии пахта фаъолият менамояд, вале хеч яке аз ин хочагихо кобилият надорад, ки тухмии мутобик ба талаботи стандартхоро истехсол намояд. Айни замон дар чумхурӣ

наздитк 96 корхонахои коркарди пахта фаъолият менамоянд, ки хусусӣ буда, коркардкунандагон ба истехсоли маводи тухмии сифатан баланд хохишманд нестанд.

Дар бештари мавридхо хангоми коркарди ашёи хоми пахта ба омехташавии тухмии навъхои гуногун ва осеб дидани чигити тухмӣ рох додамешавад.

Дар хамаи мамлакатхои пахтапарварии олам аллакай, системаи делинтатсияи кислотагии тухмии пахта ё лучаккунии чигити тухмӣ дар тачриба чорӣ гаштааст. Кишти пунбадонаи луччак ба меъёри 20-25 кг/га амалӣ гардонида шуда, аз хар гектар 40-45 сентнери пахтаи хом ба даст оварда мешавад.

Шароити инноватсионии муосир ба фаъолияти сектори аграрӣ таъсири калон мерасонад. Чун қоида, навовариҳо дар ин соҳа оҳиста ҷорӣ карда мешаванд.. Прогресси илмӣ-техникӣ инчунин омили асосии паст кардани арзиши маҳсулоти хӯрокворӣ шуда истодааст.

Маълум аст, ки захираи асосии тақвияти иқтисодиёти Тоҷикистон рушди соҳаи пахтакорӣ ба ҳисоб меравад, зеро пахта боигарии асосии ҷумҳурии мо мебошад. Вале пахтакорӣ истеҳсолоти ҳаҷман захираталаб буда, сармоягузории зиёдро талаб менамояд.[2] Аз ин рӯ бо вуҷуди тадбирҳои андешидашаванда , сатҳи ҳосилнокии пахта ҳоло ҳам пастаст. Ҳалли мушкилот дар навбати худ , татбиқи навъҳои нави серҳосили зарурӣ дар шароити минтақа ба монанди “Сорбон”, “Ирам-1МН”, “Меҳргон”, “Ҳисор”Хуҷанд - 67”, “Назирӣ”, “ВД- 11”, “С- 6530”,”С- 6524” ,”Фарғона -3 ”ва дигар навъҳо кишт карда мешаванд аммо бо сабаби вайрон гаштани заминаҳои моддиву техникӣ ва ниҳоят тадбирҳои агротехникӣ соҳаи пахтакориро ба қафо гузошт.

Бояд қайд кард, ки ҳалли мушкилот дар соҳаи пахтакорӣ чорӣ намудани навъхои нави серхосили пахта ва такмил додани тартиби истехсоли тухмии босифатро такозо менамояд. Такмили агротехникаи парвариши пахта, истифодаи технологияхои муосир ва навъхои бехтарин барои тухмӣ, тахкими заминаи модди – техникӣ, механизатсияи корхои саҳроӣ, эътимоднокии кори системаи ирригатсионию мелиоративӣ имкон медихад, ки дар оянда хосилнокии пахта то 35-40 с/га баланд бардошта шуда, бидуни зиёд намудани майдони кишт то 500 хазор тонна пахта ба даст оварда шавад.

Илова бар ин, ба маблағи 3,7 млн. доллари ИМА 1914 тонна калобаи пахтагин содирот шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи солиқаблӣ 984 тонна ва ба маблағи 1,6 млн. доллар зиёд аст. Содироти нахи пахта нисбати соли пешин 3326 тонна ба маблағи 1,0 млн. доллари ИМА афзоиш ёфта, ҳамагӣ 35234 тонна нахи пахта ба маблағи 47,3 млн. доллар содирот шудааст.

Дар Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024 дар ин робита гуфта мешавад, соли ҷорӣ содироти 60 ҳазор тонна нахи пахта ба маблағи 89,9 млн доллар пешбинӣ гардида, дар соли 2023 ин нишондиҳанда 50 ҳазор тонна (78,6 млндоллар) ва соли 2024 - 40 ҳазор тонна (66,1 млндоллар) дар назар дошта шудааст.

Соли равон нархи пахта дар бозори ҷаҳонӣ 30% боло рафта, ин нишондиҳандаи баландтарин тайи зиёда аз 10 соли охир мебошад. Сабаби болоравии нархи он хушксолиҳо ва гармии ғайри маъмулӣ арзёбӣ мегардад.

Бо назардошти нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ, мутахассисон қимати ҳадди аққали 1 тонна пахтаи нахи миёнаи дар Тоҷикистон истеҳсолшударо худуди 11 ҳазор сомонӣ ва пахтаи маҳиннахро - 16 ҳазор сомонӣ арзёбӣ мекунанд.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки аксарияти нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии вилояти Суғд нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мусбат буда, рушди устувори иқтисодию иҷтимоии вилоят таъмин шудааст.Гарчанде, ки рушди устувори вилоят таъмин шуда бошад, ҳам бо сабаби баъзе омилҳо: номусоидии обу ҳаво, дер пухта расидани пахта дар баъзе ноҳияҳои пахтакори вилоят пахта дар саҳро боқӣ мондааст, ки ин ҳамаи ин бар зарари марди деҳқон оварда мерасонад.

Дар натиҷа ҳаминро бояд қайд кард, ки ба ақидаи академик Н.Қаюмов Ӯзбекистон ҳаҷми воридоти пахта аз Тоҷикистонро тақрибан се баробар афзоиш додааст, яъне дар нимаи аввали соли 2022 беш аз 6.6 ҳазор тонна пахтаи Тоҷикистон аз тарафи Ӯзбекистон харидорӣ шудааст. Ин нишондиҳандаи хуб, лекин вақти он расидааст, ки

мо бояд худамон маҳсулоти тайёр истеҳсол намоем. Бо сабаби он, ки дар натиҷаи коркарди пахта фоидаи максималӣ ба даст оварда мешавад. Бо ин восита метавонем сатҳи зиндагии аҳолиро боло бардорем.

Тоҷикистон дар истеҳсоли нахи пахтаи сифатан аъло дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи назаррас дорад ва ҷиҳати татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ–саноатикунонии босуръат лоиҳаҳои зиёд роҳандозӣ шуда, дар ин замина солҳои наздик корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти пахтагӣ шурӯъ аз коркарди аввалия–риштаву калобатҳо маҳсулоти тайёр бунёду мавриди баҳрабардорӣ қарор мегиранд ва ҷиҳати таъмини онҳо бо ашёи пурқиммати саноатӣ майдони кишти пахта васеъ карда мешавад. Рушди муътадили иқтисодиёти вилоят, равнақи мушаххаси соҳаҳои гуногун ва таъмини аҳолӣ бомаҳсулоти зарурии рӯзгор аз бисёр ҷиҳатбо содирот робитаи қавӣ дорад.

Аз ин лиҳоз қайд менамоем, ки имкониятҳо ва захираҳо дар шароити кунунии рушди соҳаи пахтакорӣ баъзе ислоҳотҳоро талаб менамояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва институтҳои идоракунӣ дар ин раванд, қарорҳои мушаххас қабул намояд, ки онҳо метавонад барои амалигардонии стратегияи амнияти озуқаворӣ мусоидат намояд.

## АДАБИЁТҲО

1. Ахбори Сарраёсати Агентии Омори Назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар Вилояти Суғд«Дар бораи вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд дар 9 моҳи соли 2022» с.3-4
2. Х.М.Муҳаббатов "Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демографии он" Душанбе "Донишварон" соли 2019 – с. 112 .
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурии Тоҷикистон". шаҳри Душанбе, 26 декабри соли 2018.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. шаҳри Душанбе, 21 декабри соли 2021. с.2-3.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Новости Главного Управления Статистического Агентства При Президенте Республика Таджикистан - Согдийская область, с.3-4
2. Х.М.Мухаббатов "Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демографии он" - Душанбе "Донишварон" 2019 г; с. 112 .
3. Послание Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан». - Душанбе, 26 декабря 2018 г.
4. Послание Президента Республики Таджикистан об основных направлениях государственной и внешней политики республики. - Душанбе, 21 декабря 2021 г, с.2-3.

## REFERENCES

1. News Of The Directorate Of The Presidential Statistics Agency Republic Of Tajikistan In Sugd Region "About the social and economic situation of Sughd region in 9 months of 2022" p.3-4
2. Kh. M. Muhabbatov "Economic geography of Tajikistan with its demographic foundations" Dushanbe "Donishvaron" 2019 – p. 112.
3. Message of the President of the Republic of Tajikistan "On the main directions of internal and foreign policy of the Republic of Tajikistan". - Dushanbe, December 26, 2018
4. Message of the President of the Republic of Tajikistan on the main directions of the internal and foreign policy of the republic. - Dushanbe, December 21, 2021.p.2-3.